# ОИННОМАИ
# «Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон»

Шаҳодатнома дар бораи азнавбақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ ВАТҶ №0001889 таҳти ИҶ №1047«В» аз 8 апрели соли 2022 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаст.

**ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ШАҲОДАТНОМА
## ДАР БОРАИ АЗНАВ БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ ИТТИҲОДИЯИ ҶАМЪИЯТӢ

Рақами қайди ИҶ 1047 «В» 8 апрели соли 2022

Номи расмии иттифоқи касаба – Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон.

Навъи иттифоқи касаба - ҷумҳуриявӣ.

Маҳалли ҷойгиршавии иттифоқ - Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Убайди Зоконӣ, хонаи 20.

Ҳадафҳои асосии иттифоқи касаба – беҳтар намудани шароити меҳнатӣ ва ҳаёти иҷтимоии аъзои иттифоқи касаба, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсӣ ва коллективӣ, иҷтимоӣ-меҳнатӣ, касбӣ, иқтисодӣ ва дигар ҳуқуқу манфиатҳои қонунии аъзои иттифоқи касаба.

---

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» барои бақайдгири иттиҳодияи ҷамъиятӣ 320 (сесад бист) сомонӣ боҷи давлатӣ пардохт карда шудааст.

Вазир Музаффар Ашуриён

ВАТҶ № 0001889

# Мундариҷа

Боби 1.Муқаррароти умумӣ
Боби 2. Мақсад, самтҳои асосӣ ва вазифаҳои Иттифоқи касаба
Боби 3. Аъзои Иттифоқи касаба, ҳуқуқ ва вазифаҳои онҳо
Боби 4. Принсипҳои фаъолият ва сохтори ташкилоти Иттифоқи касаба
Боби 5.Тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти Иттифоқи касаба
Боби 6. Ташкилотҳои ибтидоии Иттифоқи касаба
Боби 7. Ташкилотҳои муттаҳидкардашудаи Иттифоқи касаба
Боби 8. Мақомоти олии Иттифоқи касаба
Боби 9. Амвол ва маблағҳои Иттифоқи касаба
Боби 10.Комиссияҳои назоратӣ-тафтишотии Иттифоқи касаба
Боби 11. Ҳуқуқи Иттифоқи касаба ва ташкилотҳои он чун шахсони ҳуқуқӣ
Боби 12. Муқаррароти хотимавӣ

## Боби 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1.Оинномаи мазкур мафҳумҳои асосиро чунин муқаррар менамояд:
**Иттифоқи касаба** -–Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон;
**аъзои Иттифоқи касаба** - шахси инфиродӣ (корманд, донишҷӯ, нафақахӯр), ки дар қайди ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба истода, талаботи Оинномаи Иттифоқи касабаро иҷро мекунад;
**Ташкилоти Иттифоқи касаба** - ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касабаи Иттифоқи касаба
**Оинномa** - Оинномаи Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон.

1.2. Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон - ташкилоти ихтиёрие мебошад, ки кормандонро аз лиҳози манфиатҳои умумӣ аз рӯи фаъолияти онҳо дар корхонаю муассисаҳои соҳаи нақлиёти роҳи оҳан, донишҷӯён ва хонандагони мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси соҳавӣ ва нафақахӯронро дар асоси ихтиёрӣ муттаҳид менамояд.

1.3. Иттифоқи касаба мақоми умумиҷумҳуриявӣ дошта, дар қаламрави Тоҷикистон мутобиқи Конститутсияи Ҷумхурии Тоҷикистон, меъёрҳои ҳуқуқии байналхалқӣ бо иштироки Тоҷикистон, ҳамин Оиннома амал мекунад.

1.4. Иттифоқи касаба ташкилоти ғайридавлатӣ буда, дар фаъолияташ ба мақомоти ҳокимияти иҷроияи давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои корфармоён, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ тобеъ набуда, ҳисоботдиҳанда ва таҳти назорати онҳо нест. Масъалаҳои ҳамкорӣ ва тарафайнро бо онҳо дар асоси ихтиёрӣ ва шарикии баробарҳуқуқ ҳаллу фасл менамояд.

1.5. Асоси Иттифоқи касабаро аъзои Иттифоқи касаба ташкил медиҳанд, ки онҳо дар ташкилотҳои Иттифоқи касаба муттаҳид карда мешаванд.

1.6. Иттифоқи касаба дар асоси шартномаҳо ва созишномаҳо бо ташкилотҳои умумиҷумҳуриявӣ ва байналхалқии иттифоқи касаба ба таври ихтиёрӣ дохил шуда ҳамкорӣ менамояд, бо онҳо чорабиниҳои якҷоя гузаронида, ҳайатҳои намояндагонро мубодила карда, бо дигар иттифоқҳои касабаи соҳавӣ барои ҳифзу ҳуқуқу озодиҳои қонунии аъзои Иттифоқи касаба ҳамраъӣ изҳор карда метавонад.

1.7. Суроғаи ҷойгиршавии Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи У.Зоконӣ, 20

## Боби 2. МАҚСАД, САМТҲОИ АСОСӢ ВА ВАЗИФАҲОИ ИТТИФОҚИ КАСАБА

2.1. Мақсади Иттифоқи касаба чунин аст:
- беҳтар намудани шароити меҳнат ва ҳаёти иҷтимоии аъзои Иттифоқи касаба, ҳифзу ҳуқуқу манфиатҳои шахсӣ ва коллективона, иҷтимоӣ-

меҳнатӣ, касбӣ, иқтисодӣ ва дигар ҳуқуқу манфиатҳои қонунии аъзои Иттифоқи касаба.

2.2. Самтҳои асосии фаъолияти Иттифоқи касаба чунинанд:
- назорат ба вазъи муҳофизати меҳнат, бехатарии экологӣ;
- васеъ кардани кафолатҳои иҷтимоӣ;
- омӯхтани манфиатҳои касбӣ, иҷтимоӣ, меҳнатӣ ва дигар манфиатҳои аъзои Иттифоқи касаба;
- амалӣ намудани назорати иттифоқи касаба дар самти риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат, таъминоти иҷтимоӣ ва иттифоқҳои касаба;
- рушди системаи шарикии иҷтимоӣ;
- мусоидат намудан ба таъмини шуғли кормандон;
- мусоидат намудан ба татбиқи меъёрҳои конститутсионӣ дар бораи мақсади иҷтимоии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2.3. Вазифаҳои асосии Иттифоқи касаба инҳо мебошанд:
- ба ҳар як аъзои Иттифоқи касаба таъмин кардани музди меҳнат одилона мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ба ҳар як аъзои Иттифоқи касаба таъмин кардани ҷои кор мувофиқи ихтисоси ӯ;
- назорат аз болои Корфармо (намояндаҳои ӯ) ҷиҳати риояи қонунгузории оид ба меҳнат ва дигар санадҳое, ки дорои меъёрҳои ҳуқуқи меҳнатианд, ҳимояи аъзои Иттифоқи касаба аз муҷозотҳои интизомӣ, аз кор озодкунии ғайриқонунӣ ва дигар амалҳои зиддиқонунӣ;
- дастгирии иҷтимоии аъзои Иттифоқи касаба;
- ба ҳар як аъзои Иттифоқи касаба таъмин кардани имтиёзҳо ва кафолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Созишномаи соҳавӣ, шартномаҳои коллективӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардаанд;
- муҳофизати ҳуқуқу манфиатҳои қонунии аъзои Иттифоқи касаба ҳангоми азнавташкилкунӣ, барҳамдиҳӣ, хусусигардонии корхона, ивазкунии молики корхона;
- расидан ба мақсадҳои оинномавӣ ва иҷро кардани вазифаҳои Иттифоқи касаба мувофиқи қонунгузории амалкунанда;
- расонидани ёрии ҳуқуқии бепул ба аъзои Иттифоқи касаба дар ҳолати баҳсҳои меҳнатӣ;
- иштирок дар татбиқи барномаҳои рушди иқтисодӣ;
- баланд бардоштани сатҳи зиндагии ҳар як аъзои Иттифоқи касаба;
- амалӣ намудани тайёрӣ, таҳсил ва баланд бардоштани дараҷаи ихтисоснокии кадрҳо ва фаъолони Иттифоқи касаба, омӯхтан ва паҳн кардани таҷрибаи кории ташкилотҳои иттифоқҳои касаба.

## Боби 3. АЪЗОИ ИТТИФОҚИ КАСАБА, ҲУҚУҚ ВА ВАЗИФАҲОИ ОНҲО

3.1. Ҳар як корманде, ки аз рӯи киро ё дар асоси дигар шаклҳои муносибатиҳои меҳнатӣ дар корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳои нақлиёти роҳи оҳан кор мекунад, донишҷӯён ва хонандагони мактабҳои олии соҳавӣ, мактабҳои миёна, махсус ва омӯзишгоҳҳои касбҳои техникӣ, нафақахӯрони бекори роҳиоҳанчиён ва кормандони аз сабаби ихтисори ҷойҳои кор муваққатан аз кор марҳум шуда, ки ҳамин Оинномаи иттифоқи касабаро эътироф мекунанд ва ҳар моҳ аъзоҳаққӣ медиҳанд, аъзои Иттифоқи касаба шуда метавонанд.
Аъзои Иттифоқи касаба аъзои дигар иттифоқҳои касаба буда наметавонад.

3.2. Аъзогӣ дар Иттифоқи касаба ихтиёрӣ мебошад. Қабул ба Иттифоқи касаба ва баромадан аз он бо тартиби инфиродӣ мувофиқи аризаи хаттии шахсӣ сурат мегирад.
Ба аъзои Иттифоқи касаба билети иттифоқи касаба, ки намунааш тасдиқ карда шудааст, дода мешавад.
Собиқаи аъзои Иттифоқи касаба аз рӯзи аз тарафи маҷлиси ташкилоти Иттифоқи касаба қабул кардани қарор дар бораи қабул ба аъзогии Иттифоқи касаба ҳисоб карда мешавад.

Қарори ба аъзогии Иттифоқи касаба қабул шудан ва аз сафҳои он хориҷ шуданро ташкилоти Иттифоқи касаба ва дар сурати набудани он президиуми Иттифоқи касаба қабул мекунад.

3.3.Аъзои Иттифоқи касаба ҳуқуқ дорад:
- ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои меҳнатӣ, касбӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии худ аз тарафи Иттифоқи касаба;
- ба ҳар мақоми Иттифоқи касаба муроҷиат кунад, машварат, рафти баҳсҳои меҳнатӣ ёрии ҳуқуқии бепул гирад ва дастгирӣ ёбад, аз натиҷаи муроҷиати худ посух талаб намояд;
- дар маҷлисҳои Иттифоқи касаба, маҷлисҳои ташкилотҳои Иттифоқи касаба, дар матбуот ва дигар воситаҳои ахбори умум тамоми масъалаҳои фаъолияти иттифоқи касабаро озодона муҳокима намояд. Пешниҳодҳо, лоиҳаҳои алтернативӣ ирсол намояд, фикру андешаи худро кушод баён кунад ва ҳимоя намояд, ҳар мақоми Иттифоқи касаба, ҳар аъзои Иттифоқи касабаро сарфи назар аз вазифаи ишғол мекардагиаш танқид кунад, вале дар айни ҳол шаъну шарафи ӯро таҳқир накунад.
- ҳангоми дар маҷлисҳои Иттифоқи касаба (конференсияҳо), маҷлисҳои ташкилотҳои Иттифоқи касаба дида баромадани масъалаҳое, ки ба ҳуқуқу манфиатҳои ӯ дахл мекунанд, шахсан иштирок намояд;
- дар бораи кори ташкилоти иттифоқи касаба мақомоти роҳбарикунандаи иттифоқи касаба маълумот гирад;
- ба мақомоти Иттифоқи касаба, вакилони конференсияҳои (анҷуманҳои) Иттифоқи касаба номзадҳо (аз он ҷумла номзади худро) пешбарӣ намояд, интихоб кунад ва интихоб шавад, ба нафъи номзадҳои пешбаришуда кори тарғиботӣ барад;
- бо роҳхатҳои осоишгоҳҳо, фароғагоҳҳо ва истироҳатӣ, лагерҳои солимгардонии кӯдакон таъмин карда шавад. Дар мавридҳои зарурӣ, бо шартҳои имтиёзнок аз ҳисоби маблағҳои ба буҷети Иттифоқи касаба дохилшуда бо ин роҳхатҳо таъмин гардад;

- бо тартиби муқarраршуда аз амвол ва воситаҳои моддии Итифоқи касаба истифода намояд;
- дар иқдомҳои коллективонаи Иттифоқи касаба, ки мувофиқи қонунгузории амалкунанда гузаронда мешаванд, иштирок намояд;
- ба ёрии моддӣ аз ҳисоби маблағҳои Иттифоқи касаба ҳақ дорад;
- ба ҳавасмандии маънавӣ ва моддӣ барои кори фаъолона дар иттифоқи касаба хақ дорад.

3.6. Аъзои Иттифоқи касаба вазифадор аст:

- Оинномаи Иттифоқи касабаро риоя намояд, дар кори маҷлисҳои Иттифоқи касаба иштирок кунад, вазифаҳо ва супоришҳои ба зиммааш гузошташуда, қарорҳои мақомоти Иттифоқи касабаро иҷро намояд ва ҳар моҳ аъзоҳаққии Иттифоқи касабаро супорад;
- дар бораи обрӯю нуфузи Иттифоқи касаба ғамхорӣ кунад, ба мустаҳкам гардидани ягонагии Иттифоқи касаба ва расидан ба мақсадҳо ва вазифаҳое, ки дар наздаш истодаанд, мусоидат намояд;
- ба иҷрои созишномаҳо, шартномаҳои коллективие, ки Иттифоқи касаба бастааст мадад расонад, уҳдадориҳои пешбиникардаи ин ҳуҷҷатҳоро иҷро намояд.
- вазифаҳои кории худро софдилона иҷро намояд, интизоми меҳнатӣ ва истеҳсолиро риоя намояд, нисбати моликияти ташкилот ва Корфармо ғамхорӣ намуда ба нобудшавии он роҳ надиҳад;
- дар баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ташаббускор бошад, дар зиёд намудани даромаднокии корхона ва музди меҳнат ҳиссагузор шавад.

3.7. Барои иҷро накардани вазифаҳои оинномавӣ, аз он ҷумла пардохт накардани аъзоҳаққӣ бештар аз се моҳ, барои амалиётҳое, ки ба Иттифоқи касаба зарар мерасонанд, дар ҳақи аъзои Иттифоқи касаба чунин муҷозот истифода шуда метавонанд: танбеҳ, танбеҳи қатъӣ ва чун чораи ниҳои хориҷ кардан аз Иттифоқи касаба.

Масъалаи ба ҷавобгарӣ кашидани аъзои Иттифоқи касаба дар ҳузури ӯ дар маҷлиси (конференсияи) ташкилоти Иттифоқи касаба, маҷлиси мақоми интихобӣ ҳал карда мешавад. Дар сурати дасткашии аъзои Иттифоқи касаба аз иштирок дар маҷлис ё ба маҷлис (конференсия, мақоми интихобӣ) бе сабабҳои узрнок наомадани ӯ масъалаи ба ҷавобгарӣ кашидан бе ҳузури вай ҳал карда шуда метавонад.

Қарор дар бораи хориҷ кардан аз сафи Иттифоқи касаба дар сурате қабул шуда ҳисоб карда мешавад, ки агар ба тарафдории он бештар аз нисфи хозирини маҷлиси (конференсияи) ташкилот ё маҷлиси мақомоти Иттифоқи касаба овоз дода бошад.

Ба он аъзои Иттифоқи касаба, ки аъзои мақоми интихобии Иттифоқи касаба мебошад, маъмурият танҳо бо розигии ин мақоми интихобӣ ё Президиуми он ҷазои интизомӣ дода метавонад.
Розигиро барои додани муҷозоти интизомӣ ба Раиси кумитаи иттифоқи касаба мақомоти Иттифоқи касаба ё Президиуми он медиҳад.

Маъмурият ҳуқуқ дорад ба аъзои комиссияи назоратӣ-тафтишотии ташкилоти Иттифоқи касаба танҳо бо розигии комиссияи тафтишотӣ ва ба раиси комиссияи тафтишотӣ бо розигии комиссияи маркази назоратӣ-тафтишотии Иттифоқи касаба муҷозоти интизомӣ диҳад.

Мақомоти Иттифоқи касаба ҳуқуқ дорад бо ташаббуси худ нисбати аъзои Иттифоқи касаба чораҳои хавасмандонӣ ва чораҳои муҷозотиро ба кор барад ва дар ин бора ташкилоти ибтидоии иттифоқи касабаро, ки ӯ дар қайди ҳисоби он мебошад, огоҳ намояд.

Аъзое, ки аз сафи Иттифоқи касаба хориҷ карда шудааст, ҳуқуқ дорад дар муддати се моҳ аз болои қарори қабулшуда ба мақоми болоии Иттифоқи касаба шикоят намояд.

Аъзои аз сафи Иттифоқи касаба хориҷкардашуда на пештар аз як сол ба аъзогии Иттифоқи касаба аз нав қабул карда шуда метавонад.

Ба шахси аз ъзогии Иттифоқи касаба баромада ва хориҷкардашуда маблағи аъзоҳаққии пардохтшудаи иттифоқи касаба пас гардонда намешавад.

Муҷозоте, ки ба аъзои Иттифоқи касаба дода шудааст, як сол эътибор дорад ва бо қарори мақомоти Иттифоқи касабае, ки муҷозотро ба кор бурдааст, пеш аз муҳлат бардошта шуда метавонад.

Он аъзои Иттифоқи касаба, ки кор намекунад дар қайди ҳисоби ташкилоти Иттифоқи касабаи ҷои охирини кор мебошад.

Ҳангоми барҳамдиҳӣ, азнавташкилкунии корхона ё иваз кардани ҷои сукунат, аъзои бекори Иттифоқи касаба ҳуқуқ дорад, одатан, дар ташкилоти шабеҳи иттифоқи касаба дар қайди ҳисоб истад.

Дар сурати ба миён омадани ихтилоф масъалаи ба ҳисоб мондани аъзои бекори Иттифоқи касабаро мақоми Иттифоқи касаба ҳаллу фасл менамояд.

## Боби 4. ПРИНСИПҲОИ ФАЪОЛИЯТ ВА СОХТОРИ ТАШКИЛОТИИ ИТТИФОҚИ КАСАБА

4.1. Иттифоқи касаба фаъолияти худро дар асоси принсипҳои демократии зерин ба амал мебарорад:

- ихтиёран дохил шудан ба Иттифоқи касаба ва озодона аз он баромадан, пайвасти мувофиқи ҳуқуқ ва вазифаҳо, баробарҳуқуқии аъзои Иттифоқи касаба, эҳтироми фикру мулохизаҳои онҳо, ба онҳо додани ҳуқуқи шарҳу эъзоҳ ва ҳимояи мавқеи худ дар маҷлисҳо, конференсияҳои (анҷуманҳои) Иттифоқи касаба, инчунин ба воситаи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори умум;
- интихобӣ будани мақомоти Иттифоқҳои касаба, ба аъзои Иттифоқи касаба ҳисоботдиҳанда будани онҳо, мустақил будани ташкилотҳои Иттифоқи касаба ва мақомоти интихобии онҳо дар худуди ҳуқуқ ва ваколатҳои оинномавӣ;
- коллегиалӣ (коллективона) будани кори мақомоти Иттифоқи касаба, ҷавобгарии шахсии роҳбарон ва аъзои мақомоти интихобӣ барои иҷрои қарорҳои қабулшуда ва вазифаҳои ба зиммаи онҳо гузоштаи Иттифоқи касаба;
- барои мақомоти поёнӣ дар худуди ҳуқуқ ва ваколатҳои оинномавӣ ҳатмӣ будани қарорҳои мақомоти болоӣ, ба бекор кардани қарорҳои маҷлисҳои (конференсияҳои) иттифоқҳои касаба;

- дар назди аъзои Иттифоқи касаба, ки онҳоро интихоб кардаанд, мунтазам ҳисобот додани тамоми мақомоти интихоботӣ;
- ба мақомоти болоӣ ҳисоботдиханда будани тамоми мақомоти поёнии интихобӣ;
- шафоф будани фаъолияти ташкилотҳо ва мақомоти Иттифоқи касаба;
- эҳтиром кардани манфиатҳои аққалият, фикру мулоҳизаи ҳар як аъзои Иттифоқи касаба, озодии баҳсу мунозираҳо ҳангоми муҳокима ва ягонагии амалиётҳо дар иҷрои қарорҳои қабулшуда;
- мустаҳкам намудани ягонагии обруву нуфузи Иттифоқи касаба;
- ҳамрайъӣ ва ягонагии амалиётҳои тамоми аъзои Иттифоқи касаба, ташкилотҳои Иттифоқҳои касаба ва мақомоти интихобии онҳо дар татбиқи мақсадҳо ва иҷрои вазифаҳои иттифоқҳои касаба;
- аз тарафи тамоми ташкилотҳои Иттифоқи касаба қатъӣ риоя кардани қонунгузории ҷумҳурӣ, аз ҷумла интизоми молиявӣ, талаботҳои Оинномаи мазкур.

4.2. Сохтори ташкилии Иттифоқи касаба аз рӯи принсипи истеҳсолӣ-марзӣ таъсис карда мешавад.

4.3. Ба сохтори ташкилии Иттифоқи касаба инҳо дохил мешаванд:
- гуруҳи иттифоқи касаба, ки бо қарори кумитаи сехи ё кумитаи иттифоқи касабаи ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба барпо карда мешавад;
- ташкилоти сехии иттифоқи касаба, ки бо қарори кумитаи иттифоқи касабаи ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба таъсис дода мешавад;
- ташкилоти ибтидоии Иттифоқи касаба, ки бо қарори Президиуми Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон барпо карда мешавад;
- ташкилоти муттаҳидаи иттифоқи касаба, ки бо қарори Президиуми Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон барпо карда мешавад;
- дар корхона, воҳидҳои сохтории он танҳо як ташкилоти Иттифоқи касаба барпо карда шуда метавонад.

Ба сифати мақомоти ҳамоҳангсозӣ ва машваратӣ Шӯрои раисони кумитаҳои иттифоқҳои касаба барпо карда шуда метавонад.

Барои амиқтар омӯхтани масъалаҳои гуруҳҳои ҷудогонаи иттифоқҳои касабаи кормандон сексияҳои касабавӣ барпо карда шуда метавонанд.

Ташкилотҳо ва мақомоти Иттифоқҳои касаба комиссияҳои доимӣ ва муввақатӣ ташкил карда, ваколатҳои онҳоро мустақилона муайян карда метавонанд.

4.4. Дар мавриди аз тарафи ташкилоти Иттифоқи касаба мунтазам иҷро карда нашудани талаботи Оиннома, қарорҳои ташкилоти Иттифоқи касаба ё аз тарафи он ба амал баровардани амалиётхое, ки ба манфиатҳои аъзои Иттифоқи касаба зарар мерасонанд, мақомоти Иттифоқи касаба ҳуқуқ дорад масъалаи фаъолияти минбаъдаи онро баррасӣ намояд. Дар сурати зарурат вай хақ дорад дар бораи таъин кардани намояндаи ваколатдор барои давраи на бештар аз як моҳ ҷихати ташкилӣ, тайёр ва гузаронидани маҷлиси (конференсияи) ҳисоботӣ-интихоботӣ дар ин ташкилоти Иттифоқи касаба қарор қабул намояд. То

гузаронидани маҷлис (конференсия) фаъолияти ташкилоти Иттифоқи касаба боз дошта мешавад.

4.5. Мақомоти олии Иттифоқи касаба:

- маҷлис (конференсия) - барои ташкилотҳои Иттифоқи касаба;
- конференсия (анҷуман) - барои Иттифоқи касаба ва ташкилотҳои муттаҳидаи Иттифоқи касаба.

4.6. Мақомоти иҷроияи Иттифоқи касаба:

- кумитаҳои иттифоқи касаба ва президиумҳои онҳо барои ташкилотҳои Иттифоқи касаба ва ташкилотҳои муттаҳидаи Иттифоқи касаба;
- барои Иттифоқи касаба - Президиуми он.

## Боби 5.ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ИТТИФОҚИ КАСАБА

5.1. Мақомоти Иттифоқи касаба бо роҳи интихоби ҳайати онҳо дар маҷлисҳо, конференсияҳо, анҷуманҳо ё аз рӯи принсипи вакилтаъинкунии мустақим ташкил карда мешаванд, ки дар ин маврид ташкилоти иттифоқи касаба дар бораи интихоби вакилон дар маҷлис, конференсия ё анҷуман мувофиқи квотаи муқарраркардаи мақоми болоӣ намояндагони худро дар ҳайати он бо ҳуқуқи бозхонд ва ивазкунӣ интихоб менамояд.

Қарорро дар бораи бозхонд ва ивазкунии намояндаи худ дар мақомоти Иттифоқи касаба кумитаи иттифоқи касабаи ташкилоти Иттифоқи касабае, ки намоянда аз он вакил интихоб карда шудааст, қабул мекунад.

5.2. Ба ҳайати мақомоти интихобии Иттифоқи касаба аз рӯи вазифа раиси Кумитаи иттифоқи касаба ва муовини ӯ дохил мешаванд, Раиси кумитаи иттифоқи касаба ва муовини ӯ аз рӯи вазифа вакилони конференсияи ташкилоти иттифоқи касаба мебошанд.

5.3. Дар вақти интихоботи аъзои мақомоти Иттифоқҳои касаба номзадҳое интнхобшуда ҳисоб меёбанд, ки дар сурати мавҷуд будани ҳадди нисоб (кворум) нисбат ба дигар номзадҳо овозҳои бештарин ва овозҳои бештар аз нисфи иштирокчиёни маҷлис, вакилони конференсия, анҷуманро, ки дар овоздиҳӣ иштирок кардаанд, гирифтаанд.

Он аъзои Иттифоқи касаба, ки дар маҷлис (конференсия) иштирок надораду, вале розигии хаттии пешакиашонро дорад, аъзои мақомоти Иттифоқи касаба интихоб карда шуда метавонад.

Бо розигии мақомоти интихобии Иттифоқи касаба дар ҳолати истисно машварати мақомоти интихобии ташкилотҳои Иттифоқи касаба метавонад тариқи фосилавӣ бо реҷаи видео ва аудио-конференсия гузаронида шавад.

5.4. Миқдори номзадҳо ба ҳар вазифа маҳдуд карда намешавад.

Қарорро дар бораи шакли овоздиҳӣ (пӯшида ё кушода) маҷлис, конференсия (анҷуман) мақомоти дахлдори Иттифоқи касаба қабул мекунад.

Дар вақти интихоби Раиси мақомоти Иттифоқи касаба ё Раиси ташкилоти Иттифоқи касаба дар асоси алтернативӣ номзаде

интихобшуда ҳисобида мешавад, ки бештар аз 50 фоизи овозҳои иштирокчиёни овоздиҳиро гирифтааст. Агар ягон номзад миқдори нишондодашудаи овозҳоро нагирад, давраи дуюми овоздиҳӣ гузаронда мешавад, вале ин дафъа танҳо аз рӯи ду номзаде, ки дар давраи аввали овоздиҳӣ миқдори бештарини овозҳоро соҳиб шудаанд. Дар ин ҳолат номзаде, ки бештар овоз гирифт интихобшуда ҳисобида мешавад.

5.5. Раисони иттифоқҳои касаба ва комиссияҳои назоратӣ-тафтишотии тамоми самтҳо ба муҳлати ваколатҳои ин мақомот интихоб карда мешаванд. Ба муҳлати ҳамин ваколатҳо президиумҳои онҳо низ интихоб мегарданд.

5.6. Дар сурати талаботи Оинномавиро мунтазам иҷро накардани роҳбари ташкилоти Иттифоқи касаба, ба амал баровардани амалиёте, ки ба Иттифоқи касаба зарар мерасонад, Иттифоқи касаба вазифадор аст, ки дар ин бора ба мақомоти дахлдори Иттифоқи касаба хабар диҳад ва бартараф кардани ин камбудиҳоро талаб намояд.

Агар вайронкуниҳо дар муҳлатҳои муқарраршуда бартараф карда нашуда бошанд, мақомоти дахлдори Иттифоқи касаба ҳуқуқ дорад дар бораи ба роҳбари ин ташкилоти Иттифоқи касаба изҳор кардани нобоварӣ қарор қабул намояд.

Баъди қабули чунин қарор ташкилоти иттифоқи касаба ё кумитаи иттифоқи касаба вазифадор аст дар муҳлати як моҳ интихоботи пеш аз муҳлати раиси кумитаи иттифоқи касабаро гузаронад.

5.7. Бо талаби на камтар аз сеяки қисми аъзои Иттифоқи касаба, ки ташкилоти касаба муттаҳид менамояд, интихоботи пеш аз муҳлати кумитаи иттифоқи касаба ё раиси он гузаронида мешавад.

Ин талаб дар маҷлиси мақомоти дахлдори Иттифоқи касаба дида баромада мешавад, ки он дар муҳлати як моҳ барои даъват карда шудани маҷлис, конференсия (анҷуман), дар бораи тартиби интихоб кардани вакилони конференсия (анҷуман) қарор қабул менамояд ва барои ташкили тайёр кардан ва гузаронидани маҷлис, конференсия (анҷуман) ҷавобгар мебошад. Маҷлис, конференсия (анҷуман)-и пеш аз муҳлат даъватшуда ҳатман ҳисоботи кори мақомоти дахлдори Иттифоқи касаба ва комиссияи назоратӣ-тафтишотиро дар давраи гузаштаи фаъолияти онҳо, аз он ҷумла аз рӯи масъалаҳое, ки аъзои иттифоқи касабаро ба гузаронидани интихоботи пеш аз муҳлати мақомоти Иттифоқи касаба ё раиси он водор кардаанд, мешунавад.

Ба қабул кардани қарор дар бораи гузаронидани маҷлис, конференсия (анҷуман) оид ба масъалаи пеш аз муҳлат ба охир расонидани ваколатҳои мақомоти Иттифоқи касаба, раиси он мақомоти болоии дахлдори Иттифоқи касаба ҳуқуқ дорад. Қарори маҷлис, конференсия (анҷуман) қатъӣ мебошад.

5.8. Аз вазифа озод кардани корманди интихобии Иттифоқи касаба, ки дар маҷлис, конференсия (анҷуман) интихоб гардидааст, бо қарори мақомоти дахлдори Иттифоқи касаба сурат мегирад. Аз он ҷумла, агар корманди интихобии Иттифоқи касаба, ки дар маҷлис, конференсия (анҷуман) интихоб гардидааст, аз вазифа мувофиқи хохиши худ озод

карда шавад, қарори аз кор озод кардани ӯро мақомоти дахлдори Иттифоқи касаба қабул мекунад.

5.9. Дар сурати вазифаҳои оинномавӣ ё қарорҳои конференсияи (анҷумани) Иттифоқи касабаро дар бораи маблатҷудокунии ҳатмӣ аз аъзоҳаққии Иттифоқҳои касаба иҷро накардани ташклоти Иттифоқи касаба мақомоти болоии Иттифоқи касаба ҳуқуқ дорад андозаи ҷавобгарии кумитаи иттифоқи касаба ва раиси онро муайян намояд.

5.10. Қарори маҷлисҳо, конференсияҳо (анҷуманҳо), маҷлисҳои кумитаҳои иттифоқи касаба, президиуми онҳо, Шӯроҳои раисони кумитаҳои иттифоқи касаба бо ақсарияти (бештар аз 50 фоиз)-и овозҳои иштирокчиёни маҷлисҳо, вакилони конференсияҳо, анҷуманҳо, аъзои кумитаҳои иттифоқи касаба, президиуми он, Шӯроҳои раисони кумитаҳои иттифоқи касаба дар сурати мавҷуд будани ҳадди нисоб (кворум) қабул карда мешаванд.

5.11. Иттифоқи касаба мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути мақомотҳои интихобӣ ва коллегиалии худ ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии кормандони ба мақомоти Иттифоқи касаба интихобшударо (вакилшударо) таъмин менамояд, риояи кафолатҳоеро ки ба онҳо қонун додааст, назорат менамоянд.

5.12. Кумитаҳои иттифоқҳои касабаи тамоми сатҳҳо, шӯроҳои раисони кумитаҳои иттифоқҳои касаба дар фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолиятҳое, ки қонун иҷозат додааст, иштирок карда метавонанд.

5.13. Дар сурати тағйироти сохтори идоракунӣ, азнавташкилкунӣ, барҳамдиҳӣ, муттаҳид намудани воҳидҳои хоҷагӣ), қарори оид ба сохтори ташкилоти иттифоқи касабаи ин воҳиди сохтории хоҷагӣ, тартиби ташкили онро мақомоти болоии Иттифоқи касаба бо дарназардошти фикру андешаи аъзои Иттифоқи касабаи ташкилоти дахлдори Иттифоқи касаба муқаррар мекунад.

5.14. Масъалаи азнавташкилкунии (якҷоякунӣ, ҳамроҳкунӣ, тақсимкунӣ, ҷудокунӣ ва азнавсозӣ) ташкилоти Иттифоқи касабаро кумитаи иттифоқи касаба баъди қарори мақомоти болоии Иттифоқи касаба ба баррасии маҷлис (конференсия) мегузорад, ки дар он ҷо тартиб ва мӯҳлатҳои азнавташкилкунӣ муҳокима карда мешавад.

5.15. Масъалаи барҳамдиҳии ташкилоти Иттифоқи касаба баъди қарори мақомоти болоии Иттифоқи касаба ба баррасии маҷлис (конференсия) гузошта мешавад, ки дар он ҷо комиссияи барҳамдиҳӣ тасдиқ карда шуда, тартиб ва мӯҳлатҳои барҳамдиҳии ташкилоти Иттифоқи касаба муқаррар карда мешаванд. Аз вақти таъин карда шудани комиссияи барҳамдиҳӣ ваколатҳои идоракунии корҳои ташкилоти Иттифоқи касаба то вақти қатъи фаъолияти ташкилот ба вай мегузаранд.

## Боби 6. ТАШКИЛОТҲОИ ИБТИДОИИ ИТТИФОҚИ КАСАБА

6.1. Ташкилоти Иттифоқи касаба бо қарори на камтар аз се нафар аъзои Иттифоқи касаба, ки чун қоида дар як ташкилот (воҳиди сохторӣ) кор мекунанд, дар муассисаи таълимӣ таҳсил менамоянд ва бо қарори

мақомоти болоии Иттифоқи касаба дар маҷлиси (конференсияи) муассисон таъсис дода мешавад.

Қарорро дар бораи зарурати қайди давлатии ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба мақомоти Иттифоқи касаба қабул мекунад.

6.2. Ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба дар кори худ Оинномаи Иттифоқи касаба ва қарорҳои мақомоти болоии Иттифоқи касабаро ба роҳбарӣ гирифта, фаъолияти худро дар асоси Низомнома дар бораи ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба, ки онро Президуми Иттифоқи касаба тасдиқ намудааст, амалӣ мегардонад.

6.3. Мақомоти ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба инҳо мебошанд:

- маҷлис (конференсия);
- кумитаи (кумитаи иттифоқи касаба) ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба (КИК);
- президиум;
- раиси ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба;
- комиссияи назоратӣ-тафтишотӣ.

6.4.Ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба сохтори дохилии Иттифоқи касаба буда, ҳуқуқи доштани муҳр, бланка ва штампи намунаи муқарраршударо дорад.

6.5.Ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба дар фаъолияти худ аз мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои сиёсӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ мустақил буда, ба онҳо ҳисобдиҳанда нест. Муносибатҳоро бо онҳо дар дар асоси ҳамкориҳои баробарҳуқуқ ва принсипҳои шарикии иҷтимоӣ бунёд месозад.

**Маҷлис (конференсия)**

6.6. Маҷлис (конференсия) дар ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба соле, на камтар аз як маротиба гузаронида мешавад.

Президиуми Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон метавонад даврияти дигари гузаронидани маҷлисро (конференсияро) муқаррар намояд.

6.7. Маҷлиси (конференсияи) ғайринавбатӣ метавонад бо қарори кумитаи иттифоқи касаба ва бо талаби на камтар аз сеяки аъзои Иттифоқи касаба ё мақомоти болоии Иттифоқи касаба гузаронида шавад.

6.8.Дар бораи даъват ва рӯзномаи маҷлис (конференсия) аъзои Иттифоқи касаба на дертар аз 10 рӯз огоҳ карда мешаванд.

6.9. Қарорҳои маҷлис (конференсия) бо аксарияти овозҳои аъзои Иттифоқи касаба (вакилони конференсия), ки шахсан дар маҷлис (конференсия) иштирок менамоянд, ҳангоми мавҷуд будани кворум қабул карда мешаванд. Шакли овоздиҳиро иштирокчиёни маҷлис (конференсия) муайян мекунанд.

Дар ташкилот (воҳиди сохторӣ), ки кори он ба таври реҷаи сменавӣ ва вахтавӣ мебошад, маҷлисҳои сменавӣ (дубора) гузаронида мешаванд.

**6.10.Ваколатҳои маҷлис (конференсия):**

- кумитаи иттифоқи касабаро интихоб мекунад ё ваколати интихобшудагонро тибқи квотаи муқарраршудаи воҳидҳои сохтории

ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба аз рӯи принсипи ваколаткунонии мустақими аъзои кумитаи иттифоқи касаба раиси ташкилоти ибтидоии иттифоқи касабаро тасдиқ мекунад, дар бораи пеш аз муҳлат қатъ намудани ваколати онҳо қарор қабул менамояд ва комиссияи назоратӣ-тафтишотиро интихоб мекунад;

- ҳисоботро дар бораи кори кумитаи иттифоқи касаба, ҳисоботи комиссияи назоратӣ-тафтишотиро гӯш медиҳад ва муҳокима менамояд;
- вазифаҳои аввалиндарачаи ташкилоти ибтидоии иттифоқи касабаро мутобиқи Самтҳои асосии фаъолияти Иттифоқи касаба муайян мекунад;
- талаботро ба корфармо (намояндагони ӯ) дар бораи муқаррар намудани шароитҳои нав ё тағйир додани шароитҳои мавчудаи ичтимоӣ-иқтисодии меҳнат ва маишӣ пешниҳод мекунад;
- вакилонро ба конференсияи (анчумани) Иттифоқи касаба, инчунин намояндагонро дар мақомоти болоии Иттифоқи касаба, ки аз рӯи принсипи ваколаткунонии мустақим тибқи квотаи муқарраршуда ташаккул дода мешавад, интихоб менамояд;
- сметаи даромаду харочот ва ҳисоботи солонаи молиявии ташкилоти ибтидоии иттифоқи касабаро тасдиқ мекунад;
- бо пешниҳоди кумитаи иттифоқи касаба ҳайати намоядагии ташкилоти ибтидоии иттифоқи касабаро ба мақомоти намояндагии кормандон, мақомоти коллегиалии идоракунии ташкилот (воҳидҳои сохторӣ) тасдиқ менамояд;
- дигар масъалаҳои фаъолияти ташкилоти ибтидоии итифоқи касабаро ҳал менамояд.

**6.11.Кумитаи иттифоқи касаба (КИК)**

Муҳлатҳои ваколати кумитаи ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба, ки:

- 500 ва зиёда аз он аъзои Иттифоқи касабаро муттаҳид менамояд - ҳафт сол;
- аз 150 то 500 аъзои Иттифоқи касабаро муттаҳид менамояд - се сол;
- камтар аз 150 аъзои Иттифоқи касабаро муттаҳид менамояд - ду солро ташкил медиҳад.

6.12. Кумитаи иттифоқи касаба ба мачлиси (конференсияи) ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба ва мақомоти болоии Иттифоқи касаба ҳисоботдиҳанда мебошад, оид ба кори худ дар назди аъзои Иттифоқи касаба дар мачлиси (конференсияи) ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба, на камтар аз як маротиба дар як сол ҳисобот медиҳад.

6.13. Мачлисҳои кумитаи иттифоқи касаба дар ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба на камтар аз як маротиба дар як моҳ гузаронида мешавад.

Президиуми Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Точикистон метавонад гузаронидани мачлисҳои давравии кумитаи иттифоқи касабаро ба давраи дигар муқаррар намояд.

Мачлиси кумитаи иттифоқи касабаро раиси ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба, ҳангоми иштирок надоштани ӯ - муовини раис пеш мебарад.

Қарорҳои кумитаи иттифоқи касаба дар шакли қарордод қабул гардида, аз чониби раисикунанда имзо карда мешавад.

**6.14. Ваколатҳои кумитаи иттифоқи касаба:**

- сохтори ташкилии ташкилоти ибтидоии иттифоқи касабаро мутобиқи Оиннома ва Низомнома дар бораи ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба муайян менамояд, фаъолияти ташкилотҳои сехии иттифоқи касабаро, ки ба сохтори он дохил мешаванд, ҳамоҳанг месозад;
- бо пешниҳоди раиси ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба муовини (муовинҳои) раисро, чун қоида аз ҳисоби аъзои кумитаи иттифоқи касаба интихоб менамояд, уҳдадориҳоро дар байни аъзои кумитаи иттифоқи касаба тақсим мекунад;
- маҷлисро (конференсияро) дар муҳлатҳое, ки банди 6.11. Оиннома пешбинӣ намудааст, даъват менамояд. Меъёри намоядагиро (квотаро) ба конференсия ва намояндагонро, ки ба ҳайати иттифоқи касаба ваколатдор мешаванд, муқаррар менамояд, инчунин ваколати аъзои Иттифоқи касабаро дар ҳолати иваз шудани онҳо тасдиқ мекунад, агар онҳо аз рӯи принсипи ваколаткунонии мустақим интихоб шуда бошанд;
- ҳуқуқ ва манфиатҳои аъзои Иттифоқи касабаро дар самти ташкил, пардохт, шароитҳо ва ҳифзи меҳнат муҳофизат менамояд;
- оид ба эълом доштани амалиёти коллективӣ бо қаблан огоҳ намудани мақомоти болоии Иттифоқи касаба қарор қабул менамояд;
- дар баррасии пешниҳодот оид ба кафолатҳои иловагии иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар муқоиса бо қонунгузорӣ, ҷубронҳо ва имтиёзҳо иштирок менамояд;
- ташкилоти ибтидоии иттифоқи касабаро дар назди мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар назди корфармо (намояндагони вай), дар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо муаррифӣ менамояд;
- манфиатҳои кормандони ташкилотро (воҳиди сохториро) дар шарикии иҷтимоӣ ҳангоми татбиқи ҳуқуқҳои кормандон барои иштирок дар идоракунии ташкилот, дар танзими баҳсҳои меҳнатӣ ҳимоя ва муаррифӣ менамояд, музокироти коллективонаро ташкил мекунад ва мегузаронад, шартномаҳои коллективӣ ва созишнома мебандад, ба онҳо тағйиру иловаҳо ворид менамояд ва иҷрои онҳоро назорат мекунад;
- амали шартномаҳои коллективиро дароз мекунад;
- ба роҳбарияти ташкилоти (воҳиди сохтории) субъекти хоҷагидорӣ дар ҳалли масъалаҳое, ки ба таъсиси шароитҳои меҳнати кормандон вобастагӣ доранд, таҳкими интизоми меҳнатӣ, таъмини бехатарии ҳаракати қатораҳо ва дигар масъалаҳои фаъолияти истеҳсолӣ мусоидат менамояд;
- дар якҷоягӣ бо роҳбари ташкилоти (воҳиди сохтории) субъекти хоҷагидорӣ иҷрои уҳдадориҳоро оид ба шартномаи коллективӣ, созишнома, чорабиниҳо оид ба ташкили беҳбудии шароити меҳнат баррасӣ намуда, бартараф намудани камбудиҳои ошкоршударо талаб мекунад;
- дар кори комиссияи (кумитаи) ҳифзи меҳнат иштирок менамояд, интихобот ва кори ваколатдоронро (шахсони боваринокро) оид ба ҳифзи меҳнати Иттифоқи касаба ташкил мекунад, назорати ҷамъиятиро барои риояи санадҳо, ки меъёрҳои ҳуқуқҳои меҳнатиро аз ҷумла дар соҳаи ҳифзи меҳнат, саломатӣ, муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо

вобастаро дар бар мегиранд, амалӣ мегардонад, оид ба вазъи шароити меҳнат ва таъмини бехатарии кормандон ташхиси мустақилона мегузаронад, дар тафтиши ҳодисаҳои нохуш ва бемории касбӣ дар истеҳсолот иштирок мекунад, ҳангоми зарурат тафтиши мустақилонаи онҳоро амалӣ мегардонад;

- мутобиқи қонунгузорӣ функсияҳои муҳофизатиро барои аз ҷониби корфармо (намояндагони ӯ) риоя намудани реҷаи меҳнат ва истироҳати кормандон амалӣ менамояд;

- мутобиқи қонунгузорӣ ва дар асоси мувофиқакунӣ бо мақомоти болоии Иттифоқи касаба дар танзими баҳсҳои коллективонаи меҳнатӣ иштирок мекунад;

- дар таҳияи чорабиниҳо оид ба пешгирии бекорӣ дар байни аъзои Иттифоқи касаба иштирок менамояд, назоратро барои аз ҷониби корфармо (намояндагони ӯ) пешниҳод намудани иттилооти саривақтӣ ҷиҳати имкон доштани аз кор озод намудан, риояи кафолатҳои қонунгузорӣ муқаррарнамуда дар ҳолати аз ҷониби ӯ ихтисор намудани бастҳои корӣ ё теъдоди кормандон - аъзои Иттифоқи касаба, пардохти ҷубронҳо, кӯмакпулиҳоро амалӣ мегардонад, дар назди корфармо (намояндагони ӯ) ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ манфиатҳои кормандон - аъзои Иттифоқи касабаро, ки бо ташаббуси Корфармо (намояндагони ӯ) аз кор озод карда шудаанд, ҳимоя мекунад.

- ба корфармо (намояндагони ӯ) дар бораи муқаррар намудани шароитҳои нав ё тағйир додани шароитҳои мавҷудаи меҳнат ва маишати кормандон, бастан ва иҷрои шартномаи коллективиро тасдиқ мекунад ва талабот пешниҳод менамояд, амалиёти коллективонаи кормандонро барои дастгирии талаботи онҳо тибқи тартиби муқаррарнамудани қонунгузорӣ ташкил мекунад ва мегузаронад;

- ба аъзои Иттифоқи касаба кӯмаки ройгони ҳуқуқӣ ва машваратӣ мерасонад;

- дар кори комиссия оид ба суғуртаи иҷтимоӣ иштирок мекунад, истифодаи воситаҳои суғуртаи иҷтимоиро назорат менамояд;

- корҳои маданӣ-оммавӣ ва варзиширо амалӣ мегардонад, дар ташкили истироҳати кӯдакон, сайёҳӣ, солимгардонии аъзои Иттифоқи касаба ва оилаҳои онҳо иштирок менамояд;

- бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, Корфармо (намояндагони ӯ) дар ҳалли масъалаҳое, ки ба рушди табобати санаторӣ-курортӣ, шабакаҳои муассисаҳои маданӣ, истироҳат, сайёҳӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш вобастагӣ доранд, ҳамкорӣ мекунад;

- мақомоти болоии Иттифоқи касабаро дар бораи қабули қарорҳои нисбатан муҳим огоҳ менамояд;

- оид ба далелноккунии аъзогӣ дар Иттифоқи касаба кор мебарад, баҳисобгирии аъзои Иттифоқи касабаро амалӣ мегардонад, ҳисоботи оморӣ ва дигар ҳисоботи ташкилоти ибтидоии иттифоқи касабаро тасдиқ мекунад;

- ба аъзои Иттифоқи касаба оид ба кори худ, фаъолияти мақомоти болоии Иттифоқи касаба, вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ташкилот

(воҳидҳои сохторӣ), дар соҳа, минтақа, кишвар, пешниҳодот ва талаботи Иттифоқи касаба иттилоот медиҳад;

- иҷрои қарорҳои мақомоти болоии Иттифоқи касабаро ташкил мекунад;

- ба ташкилоти иттифоқи касаба дар кори идоракунии таъҷилии молу мулки Иттифоқи касаба, аз ҷумла воситаҳои пулии додашуда ихтиёрдорӣ мекунад, инчунин тартиби истифодаи биноҳо, манзилҳо, иншооти маданӣ, иҷтимоӣ-маишӣ ва воситаҳои пулиро, ки Корфармо (намояндагони ӯ) пешниҳод намудаанд, муайян месозад;

- оид ба гузаштан ба хизматрасонӣ ҷиҳати ҷорӣ намудани ҳисоби муҳосибӣ ва тартиби ҳисобот ба муҳосиботи марказӣ дар назди мақомоти болоии Иттифоқи касаба бо нигоҳ доштани мустақилияти молиявӣ, масъулият барои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ дар доираи молу мулки дар идораи Иттифоқи касаба буда, қарор қабул менамояд;

- иҷрои саривақтии уҳдадориҳои молиявиро дар назди Иттифоқи касаба аз рӯи андозаҳои муқарраршуда таъмин менамояд;

- омӯзиши аъзои Иттифоқи касаба ва фаъолонро ташкил мекунад;

- сметаи даромад ва хароҷот, ҳисоботи молиявии солонаи ташкилоти ибтидоии иттифоқи касабаро тасдиқ мекунад.

- иҷрои сметаи буҷаи иттифоқи касабаро дар доираи воситаҳое, ки дар ихтиёри ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба мебошад, ташкил менамояд;

- ҳангоми аз ҷониби корфармо (намояндагони ӯ) қабул намудани санадҳои меъёрии маҳдуд, ки меъёрҳои ҳуқуқҳои меҳнатиро дар бар мегиранд, инчунин ҳангоми бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо (намояндагони ӯ) дар ҳолатҳое, ки Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, шартномаҳои коллективӣ, созишномаҳо ва дигар санадҳо пешбинӣ намудаанд, мувофиқа месозад ё ақидаи худро баён менамояд;

- ба мақомоти дахлдор дар бораи ҳавасмандгардонӣ, мукофотонидани аъзои Иттифоқи касаба бо тухфаҳои давлатӣ, идоравӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар тухфаҳо пешниҳод ворид месозад;

- дар ташкил ва натиҷабарории мусобиқаҳои коллективҳо ва кормандони онҳо иштирок менамояд;

- рафти сохтмони манзилӣ ва иншоотҳои иҷтимоӣ, бақайдгирии кормандонеро, ки барои беҳтар намудани шароитҳои манзилӣ эҳтиёҷ доранд, ба онҳо додани манзили зист, нобобаста аз сарчашмаҳои маблағгузорӣ, назорат мекунад;

- ба рушди боғдории коллективӣ ва сабзавоткорӣ мусоидат менамояд;

- дар ташкили кори шӯрои ветеранҳо кӯмак мерасонад;

- барои татбиқи мақсаду вазифаҳои ташкилоти Иттифоқи касаба дигар ҳуқуқҳоеро, ки қонун пешбарӣ намудааст, истифода мебарад ва мутобиқи Оинномa ва Низомнома дар бораи ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба амал мекунад.

6.15. Дар ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касаба, ки шумораи онҳо зиёда аз 500 аъзои иттифоқи касабаро ташкил медиҳад ва дар шароитҳои минтақавии ҷудогона кор мекунанд, метавонад Президиум интихоб карда шавад.

Президиум ҳамчун мақомоти иҷроия дар давраи байни маҷлисҳои Кумитаи иттифоқи касаба метавонад ваколатҳои ҷудогонаи Кумитаи иттифоқи касаба ваколатӣ карда шавад.

6.16. Кумитаи иттифоқи касаба ҳуқуқ дорад ваколатҳои ҷудогонаи кумитаи сехҳо, ташкилотҳои гуруҳии иттифоқи касабаро ваколатӣ созад.

**Кумитаи сехӣ, ташкилотҳои гуруҳии иттифоқи касаба**

6.17. Муҳлатҳои ваколати кумитаи сехии ташкилоти иттифоқи касаба (кумитаи сехӣ), раиси ташкилоти иттифоқи касабаи сехӣ ду солро ташкил медиҳад.

Муҳлати ваколати ташкилоти гуруҳии иттифоқи касаба - ду сол мебошад.

**6.18. Ваколатҳои кумитаи сехӣ, ташкилоти гуруҳии иттифоқи касаба:**

- кумитаи сехӣ, ташкилоти гуруҳии иттифоқи касаба кори иттифоқи касабавиро дар сех, смена, хадамот, шуъба ва дигар воҳидҳо ташкил мекунад;
- (дар кумитаи сехӣ) на камтар аз 1 маротиба дар як моҳ маҷлис мегузаронад;
- ҳар семоҳа маҷлисҳо (конференсияҳо) мегузаронад, меъёри намояндагиро (квотаро) муқаррар менамояд;
- дар бораи даъват ва рӯзномаи маҷлис аъзои Иттифоқи касаба на дертар аз 10 рӯз огоҳ карда мешаванд;
- дар бораи фаъолияти худ дар маҷлис (конференсия) на дертар аз як маротиба дар як сол ҳисобот медиҳад;
- иҷрои қарорҳои маҷлис (конференсия), инчунин иҷрои қарорҳои мақомоти болоии Иттифоқи касабаро таъмин менамояд;
- кори гуруҳҳои иттифоқҳои касабавиро (барои кумитаҳои сехҳо) ҳамоҳанг месозад;
- иҷрои шартномаҳои коллективӣ ва созишномаҳоро назорат мекунад;
- риояи шароитҳо ва ҳифзи меҳнатро назорат менамояд;
- дар гузаронидани натиҷаҳои мусоиқаҳо иштирок мекунад;
- чорабиинињоро оид ба таҳкими интизоми меҳнат амалӣ мегардонад;
- таъминоти иттилоотии аъзои Иттифоқи касабаро ташкил мекунад;
- оид ба далелноккунии аъзогӣ ба Иттифоқи касаба кор мебарад, баҳисобгирии аъзои Иттифоқи касабаро амалӣ мегардонад;
- дигар ваколатҳоро, ки аз ҷониби ташкилоти Иттифоқи касаба ба ӯ дода шудаанд, амалӣ менамояд.

**Раиси ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба**

6.19. Раиси ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба раиси Кумитаи иттифоқи касаба ва Президиум ба ҳисоб меравад.

Дар ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба, ки шахси ҳуқуқӣ намебошад, вазифаи раиси он ба рӯйхати бастҳои кории Иттифоқи касаба дохил карда мешавад, ки раиси Иттифоқи касаба бо ӯ шартномаи меҳнатӣ мебандад ва онро қатъ мекунад. Шартномаҳои меҳнатӣ бо кормандони ҳамин гуна ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касаба аз ҷониби Иттифоқи касаба баста мешавад.

6.20. Раиси (озоди) кумитаи ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба ҳуқуқ надорад ҳамзамон дар ду ҷой кор кунад, уҳдадориҳои худро бо дигар касбҳо ва вазифаҳо якҷоя кунад, бе розигии мақомоти болоии Иттифоқи касаба бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад.

6.21. Муҳлати ваколати раис дар як вақт баъди ба охир расидани ваколатҳои Кумитаи иттифоқи касаба қатъ мегардад.

6.22. Қарор дар бораи пеш аз муҳлат қатъ гардидани ваколатҳо ва шартномаи меҳнатӣ бо раиси ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба аз рӯи асосҳое, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст дар маҷлиси (конференсияи) ғайринавбатӣ, ки аз ҷониби Кумитаи иттифоқи касаба ё бо талаботи на камтар аз сеяки аъзои Иттифоқи касаба ва ё мақомоти болоии Иттифоқи касаба даъват мегардад, қабул карда мешавад.

Баъди ба охир расидани ваколатҳои раиси ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба супоридани маводҳои кории ӯ тибқи шартҳои шартномаи гражданӣ-ҳуқуқӣ дар муддати на бештар аз ду ҳафта амалӣ гардонида мешавад.

6.23. **Ваколатҳои раиси ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба:**

- раиси ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба иҷрои қарорҳои маҷлис (конференсия), кумитаи иттифоқи касаба, президиум ва мақомоти болоии Иттифоқи касабаро ташкил мекунад, барои иҷрои онҳо мутобиқи Оинномa ва Низомномаи мазкур шахсан ҷавобгар мебошад;
- манфиатҳои ташкилоти ибтидоии иттифоқи касабаро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дар назди корфармо (намояндагони ӯ), дар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо муаррифӣ менамояд.
- тартиби пардохти ҳаққи аъзогии иттифоқи касаба, инчунин пурра ва саривақт гузаронидани онҳоро аз ҷониби Корфармо (намояндагони ӯ) назорат мекунад, барои иҷрои уҳдадориҳои молиявӣ оид ба гузаронидани ҳаққи аъзогӣ бо андозаҳои муқарраршуда ҷавобгар мебошад;
- дар доираи ваколатҳое, ки қонунгузорӣ ва мақомоти дахлдори Иттифоқи касаба муқаррар намудааст, молу мулк, аз ҷумла воситаҳои пулиро (дар асоси сметаи тасдиқшуда), ки дар идораи оперативии ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба мебошанд, ихтиёрдорӣ мекунад, барои истифодаи оқилонаи онҳо шахсан ҷавобгар мебошад, шартномаҳо мебандад, бовариномаҳо медиҳад, ҳуқуқ дорад дар бонкҳо суратҳисоб ва дигар ҳисобҳоро кушояд;
- ба кори кумитаи иттифоқи касаба, президиум роҳбарӣ мекунад, маҷлисҳои онҳоро пеш мебарад, роҳбарии умумиро ба ташкилот, воҳидҳои сохтории он амалӣ мегардонад;
- маҷлиси кумитаи иттифоқи касаба, президиумро даъват менамояд, омодакунӣ ва гузаронидани маҷлисҳоро (конференсияҳоро) амалӣ мекунад;
- кори дастгоҳи ташкилоти ибтидоии иттифоқи касабаро роҳбарӣ мекунад;
- корро оид ба таъмини иттилоотии аъзои Иттифоқи касаба ташкил мекунад;

- номгӯи саволҳоро, ки аз рӯи онҳо раис метавонад қарори хусусӣ қабул намояд, кумитаи иттифоқи касаба муайян мекунад. Дар ҳолатҳои истисноӣ қарорҳои хусусӣ қабул мекунад, ки барои иҷро дар ташкилоти ибтидоии Иттифоқи касаба ҳатмӣ мебошанд. Дар бораи қарорҳои қабулшуда раис ба кумитаи иттифоқи касаба иттилоот медиҳад;

- протоколҳо ва қарордодҳоро имзо мекунад;

- баҳисобгирии аъзои Иттифоқи касаба, мавҷудияти дархостҳоро оид ба нигоҳ доштани ҳаққи аъзогӣ, нигоҳдории варақаҳои баҳисобгирии аъзои Иттифоқи касабаро ташкил мекунад ва ҷавобгар мебошад, ҳар сол муқоисаи аъзои Иттифоқи касабаро ба иҷро мерасонад;

- дигар ваколатҳоро мутобиқи Оинномаи Иттифоқи касаба амалӣ мегардонад.

6.24. Бо қарори мақомоти болоии Иттифоқи касаба дар ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба метавонад вазифаи намояндаи ваколатдори иттифоқи касаба, ки дар асоси Низомнома аз ҷониби Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон муқарраршуда амал мекунад, дохил карда шавад.

## Боби 7. ТАШКИЛОТҲОИ МУТТАҲИДКАРДАШУДАИ ИТТИФОҚҲОИ КАСАБА

7.1.Ташкилоти муттаҳидкардашудаи иттифоқи касаба аз ҷумлаи ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касабаи корхонаҳо, филиалҳои онҳо, воҳидҳои сохтории ҷамъиятҳои саҳомӣ, иттиҳодияҳои истеҳсолӣ, илмӣ-истеҳсолӣ, истгоҳҳои дорои шахси ҳуқуқӣ, хадамотҳои соҳаи нақлиёти роҳи оҳан барпо карда мешавад.

Қарори таъсис, азнавташкилкунӣ, (ҳамроҳкунӣ, тақсимкунӣ, ҷудокунӣ ва азнавсозӣ) ё барҳамдиҳии ташкилоти муттаҳидкардашудаи иттифоқи касабаро мақомоти болоии иттифоқи касаба бо дарназардошти фикру андешаи ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касаба қабул мекунад.

7.2. Мақомоти олии ташкилоти муттаҳидкардашудаи иттифоқи касаба конференсия мебошад, ки он дар панҷ сол як маротиба даъват карда мешавад.

7.3. Кумитаи муттаҳидкардашудаи иттифоқи касаба аз рӯи принсипи вакилфиристонии мустақим ташкил карда мешавад, ё дар конференсияи ташкилоти муттаҳидкардашудаи иттифоқи касаба барои 3 сол интихоб карда мешавад.

Маҷлисҳои кумитаи муттаҳидкардашудаи иттифоқи касаба моҳе на камтар аз як маротиба гузаронида мешаванд.

Бо қарори конференсия Президиуми комитети муттаҳидкардашудаи иттифоқи касаба интихоб карда шуда метавонад. Президиуми кумитаи муттаҳидкардашудаи иттифоқи касаба дар давраи фосилаи маҷлисҳои кумитаи муттаҳидкардашудаи иттифоқи касаба мақомоти иҷроия мебошад, ба вай ҳуқуқи ҷудогонаи кумитаи муттаҳидкардашудаи иттифоқи касаба интиқол дода шуда метавонад.

7.4. Кумитаи муттаҳидкардашудаи иттифоқи касаба дорои ҳуқуқи кумитаи иттифоқи касабаи ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба мебошад.

## Боби 8. МАҚОМОТИ ОЛИИ ИТТИФОҚИ КАСАБА

8.1. Мақомоти олии Иттифоқи касаба конференсия (анҷуман) мебошад, ки дар ҳафт сол як маротиба даъват карда мешавад.

8.2. Конференсия (анҷуман)-и ғайринавбатии иттифоқи касаба бо қарори Пленуми вай ё бо талаби ташкилотҳои Иттифоқи касаба, ки дорои на камтар аз сеяки аъзои Иттифоқи касаба мебошанд, даъват шуда метавонад.

8.3. Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон дар бораи даъват намудани конференсия (анҷуман) на дертар аз ду моҳ ва дар бораи даъват карда шудани конференсияи (анҷумани) гайринавбатӣ як моҳ пеш аз кушода шудани он хабар медиҳад.

8.4. Конференсияи (анҷуман)-и Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон:

- ҳисоботро дар бораи фаъолияти Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон ва Комиссияи марказии назоратӣ-тафтишотии Иттифоқи касабаро дар давраи ҳисоботӣ мешунаванд ва муҳокима мекунад;
- самтҳои афзалиятноки фаъолияти Иттифоқи касаба ва барномаи амалиёти вайро барои давраи оянда муайян мекунад;
- қарорҳо, резолютсияҳо, изҳорот, муроҷиатҳоро оид ба муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дигар масъалаҳо қабул мекунад;
- Оинномаи Иттифоқи касабаро қабул мекунад ва ба он тағйиру иловаҳо ворид менамояд, Низомномаи комиссияи марказии назоратӣ-тафтишотии иттифоқи касабаро тасдиқ мекунад;
- Раиси Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касаба роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон, ҳайати Пленум ва Президиуми Иттифоқи касабаро интихоб мекунад;
- Комиссияи марказии назоратӣ-тафтишотии Иттифоқи касабаро ба муҳлати ваколатҳои Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон интихоб мекунад;
- ваколатҳои аъзои Иттифоқи касабаро, ки ба ҳайати он ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касаба вакил таъин кардаанд, тасдиқ менамояд;
- дар бораи номи Иттифоқи касаба қарор қабул мекунад;

дар бораи азнавташкилкунӣ, қатъи фаъолияти иттифоқи касаба бо аксарияти 2/3 ҳиссаи овозҳои вакилони ба анҷуман интихобкардашуда қарор қабул мекунад.

8.5. Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон:

- дар фаъолияти худ ба конференсияи (анҷумани) иттифоқи касаба ҳисоботдиханда мебошад;
- дар назди аъзои иттифоқи касаба маҷлисҳо, конференсияҳои ташкилотҳои иттифоқи касаба давра ба давра ҳисобот медиҳад, даври ҳисоботиаш ҳар сол мебошад;

-машварати Пленумро на камтар аз як маротиба дар як сол ва машварати Президиуми Иттифоқи касабаро на камтар аз як маротиба дар се моҳ мегузаронад;
- иҷрои қарорҳои конференсия (анҷуман) ва вазифаҳои оинномавиро оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои меҳнатӣ, иҷтимоӣ-иқтисодии аъзои Иттифоқи касабаро ташкил мекунад;
- дар назди корфармо, дар мақомоти давлатӣ, судӣ ва ҷамъиятӣ аз манфиатҳои аъзои иттифоқи касаба, ташкилотҳои иттифоқҳои касаба намояндагӣ мекунад ва ин манфиатҳоро ҳимоя менамояд;
- ба иттиҳодияҳои иттифоқҳои касабаи ҷумҳуриявӣ ва мақомотҳои ҳокимияти иҷроияи давлатӣ бо пешниҳодҳо дар бораи қабули санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳое, ки ба ҳуқуқу манфиатҳои иҷтимоӣ-меҳнатии кормандон дахл доранд, муроҷиат менамояд;
- фаъолияти ташкилотҳои иттифоқҳои касабаро дар иҷрои вазифаҳои оинномавӣ ҳамоҳанг месозад;
- бо пешниҳоди раиси Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиён муовинони Раиси иттифоқи касабаро интихоб менамояд, ки онҳо аз рӯи вазифа аъзои Президиуми ин Кумита мебошанд;
- бо пешниҳоди комиссияи мандатӣ дар бораи тасдиқи ваколатҳои аъзои Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон, ки аз тарафи ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касаба ба ҳайати он вакил таъин мешаванд, қарор қабул мекунад;
- оид ба масъалаҳои тасарруф, истифода, ихтиёрдории амволи Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон қарор қабул мекунад;
- робитаро бо иттифоқҳои касабаи дигар мамлакатхо нигоҳ медорад ва вусъат медиҳад, ба мустаҳкам намудани ягонагии ҳаракати иттифоқи касаба ва ҳамрайъии кормандон мусоидат менамоянд, дар бораи дохил шудан ба иттиҳодияҳои иттифоқи касабаи Тоҷикистон ва байналхалқӣ ва баромадан аз онҳо қарор қабул мекунад;
- дар бораи барпо кардани хазинаҳои иттифоқи касаба (хазинаҳои ҳамраъйӣ, тағйир кардани кадрҳои иттифоқи касаба, воситаҳои ахбори омма, маъракаҳои интихоботӣ ва ғайра) қарор қабул мекунад;
- ҳуҷҷатҳои меъёрии мақомоти иттифоқи касаба, низомномаҳо, қоидаҳоеро, ки дар доираи Оинномаи иттифоқи касаба фаъолияти ташкилотҳои иттифоқҳои касабаро танзим менамоянд, таҳия намуда тасдиқ мекунад.
- дар бораи барпо кардани ҳаракатҳои ҷамъиятӣ қарор мебарорад ва онҳоро барои иҷрои вазифаҳои иттифоқи касаба истифода мебарад;
- дар бобати интихоботи вакилон ба конференсияи (анҷумани) Иттифоқи касаба, намояндагони онҳо ба ҳайати Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон ҳадди нисоб (квота) муқаррар мекунад;
- Низомномаи умумии ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба, Низомномаи намояндаи (шахси бовариноки) иттифоқи касаба, Низомномаи Шӯрои раисони кумитаҳои иттифоқи касаба, Низомнома

дар бораи мукофотонидани кормандон ва аъзои Иттифоқи касаба, Низомномаи бахшҳои касбиро тасдиқ мекунад;
- Низомномаи бозрасии техникӣ ва ҳуқуқии меҳнат ва ғайраро тасдиқ мекунад;
- Низомномаи хазинаҳои Иттифоқи касабаро тасдиқ менамояд;
- рамзҳои Иттифоқи касабаро тасдиқ мекунад;
- муҳлатҳои гузаронидани ҳисобот ва интихоботро дар ташкилотҳои иттифоқи касаба муайян мекунад, тавсияҳои оид ба тайёр кардан ва гузаронидани онҳоро тасдиқ менамояд;
- барои пешбурди кор дар иттифоқи касаба аз ҷумлаи аъзои ҳайати Кумитаи ҷумҳуриявии Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиён Президуми онро интихоб менамояд;
-барои ҳалли фаврии масъалаҳои фаъолияти иттифоқи касаба ва тафтиши иҷрои қарорҳо Котиботи Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон дар ҳайати Раиси Иттифоқи касаба ва муовинони у барпо карда шуда метавонад, ки он мувофиқи Низомномае амал менамояд, ки онро Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон тасдиқ кардааст. Қотибот дар давом оиди қарорҳои қабулшудааш ба Президиуми Кумитаи ҷумҳуриявии роҳиоҳанчиён ҳисобот медиҳад.

8.6. Президиуми Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон:
- роҳбарии ҷории фаъолияти Иттифоқи касабаро амалӣ менамояд;
-машваратҳои Пленуми Иттифоқи касабаро даъват менамояд, дар рӯзномаи корӣ, сана ва макони баргузории онҳо пешниҳодҳо ворид менамояд;
- иҷрои қарорҳои Конференсияи Иттифоқи касабаро ташкил ва назорат мекунад, ҳисоботи раисони ташкилотҳои Иттифоқи касабаро мешунавад;
- корҳоро оид ба омӯзиш ва баланд бардоштани тахассуси кадрҳо, захираҳо ва фаъолони Иттифоқи касаба ташкил ва танзим мекунад;
- аз манфиатҳои аъзои Иттифоқи касаба ва ташкилотҳои Иттифоқи касаба оид ба масъалаҳои музди меҳнат, риояи қонунҳои меҳнат, муҳофизати меҳнат, хусусигардонӣ, таъмини ҳуқуқи аъзои иттифоқи касаба дар мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ ва иҷроияи Ҷумхурии Тоҷикистон, мақомоти судӣ ва ҷамъиятӣ намояндагӣ мекунад ва ин манфиатҳоро ҳимоя менамояд;
- дар нақши ташкилотчии гуфтушунидҳои коллективона баромад мекунад ва мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаҳои соҳавии тарифро таҳия мекунад ва мебандад, ба онҳо бо мувофиқаи тарафҳо тағйиру иловаҳо дохил менамояд, ба рафти татбиқи онҳо назорат мекунад;
- Низомномаи намунавиро оид ба музди меҳнат ва кафолатҳои иҷтимоии кормандони интихобӣ ва штатии иттифоқи касабаро таҳия ва тасдиқ менамояд;
- барои ба танзим даровардани фаъолияти ташкилотҳо ва мақомотҳои Иттифоқи касаба санадҳои меъёрӣ таҳия менамояд ва тасдиқ мекунад;
- ба корфармоён, мақомоти дахлдори ҳокимияти иҷроияи мақомоти худидоракунанда оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ – меҳнатӣ тавсияҳо

пешниҳод менамояд ва дар бораи гузаронидани чорабиниҳои коллективона қарор қабул мекунад;
- якҷоя бо органҳои колегиалии Корфармо шартҳои мусобиқаи соҳавии байни корхонаҳоро тасдиқ мекунад, онро ҷамъбаст ва ғолибонро муайян менамояд;
- самти фаъолияти байналхалқии Иттифоқи касабаро оид ба алоқа ва ҳамкорӣ бо иттифоқҳои касабаи дигар мамлакатҳо, ташкилотҳои байналхалқии иттифоқи касаба ва иштирок дар чорабиниҳои якдилии байналхалқӣ муқаррар менамояд;
- дар ҳаллу фасли баҳсҳои коллективонаи меҳнатӣ иштирок мекунад;
- фаъолияти бозрасии техникӣ ва ҳуқуқии меҳнатро ҳамоҳанг месозад ва ба онҳо ёрии методӣ мерасонад;
- иҷрои қарорҳои Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистонро ба амал мебарорад;
- фаъолияти ташкилотҳои ибтидоии иттифоқҳои касаба ва мақомоти интихобии онҳоро ҳамоҳанг месозад;
- ба фаъолияти нозирони техникӣ ва ҳукуқии меҳнати Иттифоқи касаба роҳбарӣ менамояд ва ба онҳо ёрии ташкилӣ ва методӣ мерасонад;
- аз рӯи фаъолияти оинномавии ташкилотҳои иттифоқи касаба ва мақомоти Иттифоқи касаба назорат мекунад;
- хароҷотномаи (сметаи) буҷети Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистонро тасдиқ мекунад ва иҷрои онро назорат менамояд;
- дар бораи тасарруф, ихтиёрдорӣ ва истифодабарии амволи Иттифоқи касаба, инчунин расонидани кӯмакҳои хайриявӣ қарор қабул менамояд;
- маҷлисҳои Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон (Пленум, конференсияро) даъват, рӯзномаҳои онҳоро муайян менамояд ва барои дар сатҳи баланд гузаронидани онҳо чораҳои лозимӣ андешида, корҳои ташкилӣ мебарад;
- Дастурамали баҳисобгирии аъзои Иттифоқи касабаро таҳия ва тасдиқ мекунад;
- меъёрҳои тақсимкунии аъзоҳаққиҳоро байни ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касаба ва Иттифоқи касаба муқаррар менамояд.
- оид ба масъалаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, соҳибкорӣ, дигар фаъолияте, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст қарорҳо қабул мекунад;
- таъминоти иттилоотии ташкилотҳои иттифоқи касабаро доир ба масъалаҳои муҳими рӯз ташкил мекунад ва ба онҳо ёрии методӣ ва машваратӣ мерасонад;
- воситаҳои ахбори оммавиро таъсис медиҳад ва фаъолияти нашркуниро иҷро менамояд;

8.7. Раиси Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон:
- иҷрошии Оинномаи Иттифоқи касаба, қарорҳои конференсия (анҷуман) ва Президиумро ташкил менамояд;
- дар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои байналхалқӣ, ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо бе ваколатнома аз номи Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон намояндагӣ мекунад;

- машварати Президиуми Иттифоқи касабаро даъват менамояд;
- дар мавридҳои зарурӣ аз номи Иттифоқи касаба бо изҳорот ва муроҷиатномаҳо баромад мекунад;
- бо иттиҳодияҳои иттифоқҳои касаба, корфармоён, мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ аз номи Иттифоқи касаба созишномаҳо мебандад ва дар ин бора ба Президиуми Иттифоқи касаба маълумот медиҳад;
- дар ҳудудҳои хароҷотномаи тасдиқшуда ба амвол ва маблағҳои пулӣ ихтиёрдорӣ мекунад ва барои самаранок истифода бурдани онҳо ҷавобгар мебошад;
- аз болои риояи низомномаҳои қабулшуда оид ба пардохти меҳнат ва кафолатҳои иҷтимоии кормандони интихобӣ ва бастии Иттифоқи касаба назорат мебарад;
- вазифаҳоро дар байни муовинони раиси Кумитаи ҷумхуриявии иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон тақсим мекунад;
- ҷадвали бастҳои кории дастгоҳи Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистонро тасдиқ мекунад ва роҳбарӣ менамояд, бо кормандони дастгоҳ мутобиқи қонунгузорӣ шартномаҳои меҳнатӣ мебандад ва онҳоро бекор мекунад, кормандони дастгоҳро хавасманд мекунад ва ба муҷозоти интизоми мекашад, дигар шартномаю созишномаҳо мебандад, фармоишҳоро имзо менамояд санадҳои меъёрӣ қабул менамояд;
- дар бонкҳо суратҳисобҳо мекушояд, маҳкам мекунад ва ба ин суратҳисобҳо ихтиёрдорӣ менамояд;
- аз номи Иттифоқи касаба ваколтномаҳо медиҳад;

Мухлати ваколати Раиси Иттифоқи касаба ҳафт сол мебошад.

Иҷрои фармоишу амрномаҳои Раиси Кумита барои ташкилотҳои иттифоқи касаба ва мақомоти Иттифоқи касаба ҳатмист.

Дар сурати набудани Раис муовини он, ки Раис ба ӯ ваколат додааст, вазифаи Раиси Кумитаро иҷро мекунад:
- маҷлисҳои Президиумро даъват менамояд, масъалаи тайёр намудани рӯзномаи онро назорат мекунад, онҳоро мебарад. Агар котиботи Кумитаи иттифоқи касаба мавҷуд бошад, қарорҳои дар он қабулшударо имзо мекунад.

## Боби 9. АМВОЛ ВА МАБЛАҒҲОИ ИТТИФОҚИ КАСАБА

9.1. Иттифоқи касаба амвол ва маблағҳои пулиеро, ки ба вай чун моликият тааллуқ доранд, барои иҷрои мақсаду вазифаҳои оинномавӣ соҳиби истифода ва ихтиёрдорӣ мекунад.

Дар моликияти Иттифоқи касаба, бинохо, иморатҳо, иншоот, нақлиёт, муассисаҳои санаторӣ-курортӣ, сайру саёҳат, варзишӣ ва дигар муассисаҳои солимгардонӣ буда метавонанд. Бо мақсади таъмини фаъолияти оинномавии иттифоқи касаба дар моликияти он инчунин муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ, илмӣ, таълимӣ, матбаа ва дигар амвол буда метавонанд.

Иттифоқи касаба ҳуқуқ дорад муассиси ташкилотҳо, хазинаҳои ҳамрайъӣ, бонкҳо, хазинаҳои суғурта, маданӣ-маърифатӣ, хазинаҳои

таҳсил ва такмили ихтисоси кадрҳо, инчунин дигар хазинаҳое, ки ба мақсадҳои оинномавии Иттифоқи касаба мувофиқанд.

9.2. Маблағҳо ва амволи Иттифоқи касаба аз инҳо ба вуҷуд меоянд:

- аз ҳаққи дохилшавӣ ва аъзоҳаққиҳои ҳармоҳаи аъзои Иттифоқи касаба;
- аз мадохилоти чорабиниҳои маъданӣ-маърифатӣ, варзишӣ ва тарбияи ҷисмонӣ;
- аз даромадҳои фаъолияти хоҷагӣ, соҳибкории иттифоқи касаба. Даромадҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар байни аъзои Иттифоқи касаба тақсим карда намешаванд:
- аз даромадҳои фаъолияти ҷойгиронии маблағҳои озоди пулӣ дар муассисаҳои бонкҳо, саҳмияҳо ва дигар қоғазҳои қиматноке, ки ба Иттифоқи касаба тааллуқ доранд;
- аз пардохтҳои шахсоне, ки аъзои Иттифоқи касаба намебошанд, хайрияҳои шаҳрвандон, маблағҷудокуниҳои дигар ташкилотҳо:
- аз даромадҳое, ки аз муомилотҳои шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ ба даст омаданд, дигар мадохилоте, ки ба қонунгузории амалкунанда мухолифат намекунанд;
- аз мадохилот аз мақомоти хоҷагӣ, ки мувофиқи созишномаҳои соҳавии тарифӣ ва шартномаҳои коллективона барои гузаронидани чорабиниҳои маданӣ-оммавӣ, варзишӣ, солимгардонӣ ва дигар чорабиниҳо ҷудо карда мешаванд.

9.3. Амвол ва маблағҳои пулии Иттифоқи касаба моликияти вай мебошад, ки онро қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон муҳофизат менамояд. Аъзои ҷудогонаи Иттифоқи касаба ба ҳиссаи амволе, ки ба иттифоқи касаба тааллуқ дорад, ҳуқуқи моликият надорад.

Иттифоқи касаба ба воситаи мақомоти интихобии худ барои уҳдадориҳои худ бо ин амвол ҷавобгар аст ва дар мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ ва иҷроия, дар судҳо ҳамчун даъвогар ва ҷавобгар баромад мекунад.

9.4. Ҳаққи дохилшавӣ ва аъзоҳаққиҳои ҳармоҳаи иттифоқи касаба ба андозаҳои зерин муқаррар карда мешаванд:

- на камтар аз 1,0 фоиз аз маош ва дигар даромадҳои фаъолияти меҳнатии аъзои иттифоқи касаба, андозаи идрорпулии (стипендияи) донишҷӯй, талаба;
- 0,1 фоиз аз андозаи нафақаи нафақахӯри бекор;
- 0,1 фоиз аз маоши ҳадди ақкал барои донишҷӯён ва таҳсилкунандагоне, ки идрорпулӣ намегиранд, заноне, ки аз нигоҳубини кӯдак муваққатан корро қатъ кардаанд.

9.5. Мутаносиби ҳаққи аъзогии иттифоқи касабаро 40% ба Иттифоқи касаба ва 60% ба ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касаба муқаррар карда мешавад.

## Боби 10. КОМИССИЯҲОИ НАЗОРАТӢ-ТАФТИШОТИ ИТТИФОҚИ КАСАБА

10.1. Комиссияҳои назоратӣ-тафтишотии ташкилотҳои Иттифоқи касаба дар тамоми сатҳҳо мақомоти мустақил мебошанд, ки баробари

мақомоти иҷроияи дахлдор дар маҷлисҳо ва конференсияҳои иттифоқи касаба ба ҳамон муҳлате интихоб карда мешаванд, ки мақомоти дахлдори иттифоқи касаба интихоб мегардад.

10.2. Комиссияи марказии назоратӣ-тафтишоти Иттифоқи касабаро, Конференсияи Иттифоқи касаба интихоб менамояд ва ин комиссия ҳуқуқи назорат кардани фаъолияти молиявии ҳар ташкилот ва мақомоти Иттифоқи касабаро дорад.

10.3. Аъзои комиссияҳои назоратӣ-тафтишотӣ дар маҷлисҳои мақомоти дахлдори иттифоқи касаба бо ҳуқуқи овози машваратӣ иштирок менамояд.

## Боби 11. ҲУҚУҚИ ИТТИФОҚИ КАСАБА ВА ТАШКИЛОТҲОИ ОН ЧУН ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ

11.1. Иттифоқи касаба чун ташкилоти ҷамъиятӣ аз вақти бақайдгирии давлатии (огоҳкунандаи) он шахси ҳуқуқӣ мебошад, вай ҳуқуқи шахси ҳуқуқиро ба амал мебарорад ва вазифаҳоро ба воситаи мақомоти интихобии худ иҷро мекунад, ки онҳо мувофиқи қонунҳо, дигар санадҳои ҳуқуқӣ ва ҳамин Оиннома амал мекунанд, вай муҳри худ, штампи намунааш муқарраршуда, бланкҳо, рамзҳо ва дигар нишондиҳандаҳо дорад, ки онҳо бо тартиби муқарраршуда тасдиқ карда шуда ва ба қайд гирифта мешаванд.

Дар бонкҳо ҳисобномаҳои ҳисобу китоб, ҳисоби асъор ва дигар суратҳисобҳо дорад.

11.2. Ташкилотҳои Иттифоқи касаба метавонанд мувофиқи қонунгузории амалкунанда мақоми ҳуқуқӣ пайдо намоянд.

Онҳо ҳуқуқи шахси ҳуқуқиро ба амал мебароранд ва вазифаашонро ба воситаи мақомоти интихобӣ, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи мазкур иҷро мекунанд.

## Боби 12. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

12.1. Ҳуқуқу тафсири муқаррарот ва моддаҳои Оиннома ба Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон тааллуқ дорад.

12.2. Нишони ҳуқуқӣ ва макони ҷойгиршавии Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон: Ҷумхурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи У. Зоконӣ, 20.

12.3. Оинномаи мазкур дар Конференсияи V-уми ҳисоботӣ-интихоботии Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2016 қабул шудааст.

Аз рӯзи қувваи қонунӣ гирифтани Оинномаи мазкур Оинномаи Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон қувваи худро гум мекунад.